Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№25

аз 29 декабри соли 2025 шаҳри Душанбе

**Дар бораи татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ марбут ба таъини ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ**

Бо мақсади таъмини татбиқи дурусти қонунгузорӣ ҳангоми таъини ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарор кард:

1. Суд, судя ҳангоми таъини ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи муқаррароти моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Ҳамзамон, дар моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Дар робита ба ин бояд дар назар дошт, ки ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, аз ҷумла маҳрум сохтан аз озодӣ, ки нисбат ба шахс таъин карда мешаванд, мақсади озори ҷисмонӣ, таҳқири шаъну эътибори инсонро надошта, бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мегарданд.

Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини таҷрибаи дурусти татбиқи қонунгузорӣ ҳангоми таъини ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ суд, судя бояд муқаррароти меъёрҳои конститутсионии зикргардида, инчунин Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ)-ро бо назардошти принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла қонуният, баробарӣ дар назди қонун ва суд, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, адолат ва инсондӯстӣ риоя намоянд.

2. Мувофиқи мазмуни қисми 1 моддаи 48 КҶ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ танҳо ба сифати ҷазои асосӣ татбиқ гардида, иҷрои он бо роҳи аз ҷамъият ҷудо намудан ва дар ҷойҳои махсус нигоҳ доштани маҳкумшуда ба муҳлате, ки бо ҳукми суд таъин шудааст, таъмин карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки чунин намуди ҷазо дар ҳолатҳое таъин карда мешавад, ки агар бо назардошти шахсияти судшаванда, ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ва дигар маълумот суд ба хулоса ояд, ки танҳо дар ин маврид адолати иҷтимоӣ барқарор гардида, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав таъмин мегардад.

3. Ҳангоми таъини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, инчунин муҳлати он судҳо бояд дар асоси моддаи 60 КҶ принсипи фардикунондани ҷазоро ба асос гирифта, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдидаро ба назар гиранд.

Ҳамчун маълумоти ба шахсияти судшаванда алоқаманд мумкин аст вазъи саломатӣ, синну сол (чунончи, маъюб ё пиронсол будани гунаҳгор), муносибати шахс ба кирдори содирнамудааш (аз ҷумла, ба гуноҳаш иқрор будан, аз кирдори содирнамуда пушаймон шудан, рафтори шахси гунаҳгор пас аз содир намудани ҷиноят) ва ғайра эътироф карда шаванд.

Тибқи қоидаҳои умумӣ ҳамаи шарикони ҷиноят барои содир намудани он ҷавобгарии баробар доранд, вале ҷазо ба ҳар як иштирокчии ҷиноят бо назардошти хусусият ва дараҷаи иштироки воқеии ӯ дар содир намудани он, аҳамият (нақш)-и иштирок дар муваффақ шудан ба мақсади ҷиноят, таъсири ӯ ба хусусият ва андозаи зарари расонидашуда ё зарари имконпазир таъин карда мешавад.

4. Таваҷҷуҳи судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро тибқи муқаррароти моддаҳои 61 ва 62 КҶ, инчунин бо назардошти хусусиятҳои хоси ҳар як парвандаи ҷиноятӣ мавриди муҳокима қарор диҳанд.

Ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, аз ҷумла бори аввал содир намудани ҷиноят, ноболиғ будани гунаҳгор ва дигар ҳолатҳое, ки қонун муайян намудааст, бояд дар санади судӣ мушаххас инъикос карда шаванд.

Дар робита ба ин бояд дар назар дошт, ки номгӯи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо истисноӣ набуда, мутобиқи қисми 3 моддаи 61 КҶ ҳолатҳои дигари дар қисми якуми ҳамин модда зикрнагардида низ мумкин аст ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гирифта шаванд.

Ба инобат нагирифтани ҳолатҳои сабуккунанда ҳангоми таъини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад боиси таъини ҷазои номутаносиб гардад.

5. Ба судҳо зарур аст, ки зимни таъини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазоро доир ба ҳар як парванда муайян намуда, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ диҳанд.

Бояд дар назар дошт, ки агар ҳолати дар қисми якуми моддаи 62 КҶ зикргардида дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс ба сифати аломати ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, он такроран ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба назар гирифта намешавад (қисми 3 моддаи 62 КҶ). Аз ҷумла, суд наметавонад аломати дар ҳайати гурӯҳи шахсон содир намудани ҷиноятро, ки дар айб эълон карда шудааст, такроран ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба эътибор гирад.

Бинобар он ки номгӯи ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи 62 КҶ пешбинишуда истисноӣ мебошад, ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба назар гирифтани дигар ҳолатҳое, ки дар ҳамин модда номбар нашудаанд, манъ аст.

6. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва мӯҳлати он бояд тавре интихоб ва таъин карда шавад, ки барои ноил гаштан ба мақсади ҷазо мусоидат намояд.

Намуди ҷазои нисбатан сахттар, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, танҳо дар ҳолате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои нисбатан сабуктар наметавонад ноил шудан ба мақсади ҷазоро таъмин намояд (қисми 2 моддаи 60 КҶ).

Барои бори аввал содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар ҳолате таъин карда мешавад, ки агар таъини дигар намуди ҷазоҳо барои ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав басанда набошад.

Аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ пешбинигардида камтар таъин намудани ҷазо ё нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида таъин намудани ҷазои сабуктар, ҳамчунин таъин накардани ҷазои иловагӣ, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ, ки дар моддаи 63 КҶ дарҷ гардидаанд, имконпазир мебошад.

Таваҷҷуҳи судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ретсидиви ҷиноят боиси таъини ҷазои нисбатан вазнин мегардад. Аз ин рӯ, судҳоро зарур аст ҳангоми муайян кардани мӯҳлати ҷазо талаботи моддаи 66 КҶ-ро ба роҳбарӣ гиранд.

Ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки агар шахс зарари моддии дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва 7 моддаи 49 КҶ пешбинишударо пурра талофӣ намуда бошад, дар ин маврид ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад.

7. Ҳангоми таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбат ба занон ва ноболиғон, ба ғайр аз қоидаҳои дар моддаи 60 КҶ пешбинишуда, инчунин бояд муқаррароти қисми 6 моддаи 58 ва моддаи 87 ҳамин Кодекс ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Агар ҷинояти бори аввал содирнамудаи ноболиғ ба ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна дохил шавад, ба ноболиғ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад.

Ҳамзамон, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи бандҳои а) ва б) қисми 6 моддаи мазкур мӯҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбат ба ноболиғоне, ки дар синни то шонздаҳсолагӣ ҷинояти вазнин ё махсусан

вазнин содир намудаанд, аз ҳафт сол ва агар чунин ҷиноятҳоро дар синни аз шонздаҳсолагӣ боло содир намуда бошанд, аз даҳ сол зиёд буда наметавонад.

Дар баробари ин, нисбат ба ноболиғоне, ки дар синни то шонздаҳсолагӣ якчанд ҷиноят содир намудаанд ва яке аз онҳо ҷинояти дараҷаи вазнин ё махсусан вазнин мебошад, мӯҳлати ҷазои ниҳоии маҳрум сохтан аз озодӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо бояд аз даҳ сол, дар сурати аз ҷониби ноболиғи аз шонздаҳсола боло содир намудани чунин ҷиноятҳо - аз дувоздаҳ сол зиёд набошад (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 88 КҶ).

Ҷазо дар намуди якумра аз озодӣ маҳрум сохтан нисбат ба занон ва ноболиғон, инчунин мардоне, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукм ба синни 63-солагӣ расидаанд, таъин карда намешавад.

8. Ҳукми суд бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад (қисми 1 моддаи 333 КМҶ).

Агар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ дар баробари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дигар намуди ҷазоро пешбинӣ карда бошад, судҳоро зарур аст, ки хулосаи худро оид ба интихоб ва таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва мӯҳлати он дар ҳукм асоснок намоянд.

Ин қоида ҳамчунин дар мавриди таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ки аз категорияҳои гуногуни ҷиноят иборат аст, бояд риоя гардад.

9. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ баррасӣ намудани парвандаҳо ҷазо бояд бо риояи талаботи қисми 6 моддаи 310 КМҶ таъин гардад. Аз ҷумла, мӯҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ набояд аз се ду ҳиссаи мӯҳлати ҷазои баландтарини барои ҷиноятҳои содиршуда пешбинигардида зиёд бошад. Чунончи, агар санксияи моддаи КҶ, ки шахс барои содир намудани он гунаҳгор дониста шудааст, ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро ба мӯҳлати то панҷ сол пешбинӣ намуда бошад, аз се ду ҳиссаи он се солу чор моҳро ташкил медиҳад.

10. Бо мақсади риояи ҳуқуқи маҳкумшуда оид ба шикоят овардан, нусхаи ҳукми суд бояд дар мӯҳлати муқаррарнамудаи моддаи 350 КМҶ, яъне на дертар аз панҷ шабонарӯз баъд аз эълони он ба ӯ бо гирифтани дастхат супорида шавад. Дар ҳамин мӯҳлат нусхаи ҳукми суд ба айбдоркунанда ва ба истиснои парвандаҳое, ки дар маҷлиси пӯшидаи судӣ баррасӣ карда мешаванд, ба ҳимоятгар, ҷабрдида, намояндаи ӯ ва дигар шахсони иштирокчии мурофиа бо дархости онҳо супорида мешавад.

Ҳамчунин, судҳоро зарур аст, ки дар мӯҳлати на дертар аз се шабонарӯз аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм ё ворид гардидани парванда аз суди марҳилаи кассатсионӣ фармоишро дар бораи иҷро намудани он ба мақомоти иҷрокунандаи ҳукм равон намоянд (банди 30.6 Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон).

11. Агар ҳангоми баррасии парванда риоя нагардидани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд ё вайрон кардани муқаррароти қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ё дигар шахсони мансабдор ошкор гардад, суд ё

судя ҳуқуқ доранд нисбат ба онҳое, ки ба чунин камбудиҳо роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ бароранд.

12. Ба судҳои марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ зарур аст, ки зимни баррасии шикоят ва эътирозҳо риоя гардидани асосҳои умумии таъини ҷазо, мутобиқати ҷазои таъиншуда ба хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда ва шахсияти маҳкумшуда, дурустии татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ зимни таъини ҷазо ва муҳлати он, инчунин риояи меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятиро мавриди санҷиш қарор диҳанд.

Дар ҳолати аз ҷониби судҳои марҳилаи поёнӣ нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ ё номувофиқии ҷазои таъиншудаи маҳрум сохтан аз озодӣ ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда, бояд чунин камбудиҳо бартараф ва ҷазо ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқ карда шавад, агар вазъи маҳкумшуда бадтар нагардад.

13. Судҳои марҳилаи якум, кассатсионӣ ва назоратиро лозим аст мунтазам таҷрибаи таъини ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд.

Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода Р.П.

Котиби Пленум,
судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқмуродзода Д.А.